**ТАҚРИЗ**

**ба афтореферати диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.**

Муаллифи автореферат Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар таҳқиқи худ ба масъалаи муҳим ва пешрафтаи ҳуқуқи конститутсионӣ, яъне вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ намуда, барои аввалин бор ин мавзуъро бо истифодаи усулҳои муқоисавӣ, низомнок ва таърихӣ таҳлил кардааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки ҳам хусусиятҳои умумӣ ва ҳам вижагии моделҳои миллии идоракунӣ ошкор карда шаванд, ба онҳо аз нигоҳи мутобиқати ин навъҳо бо принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва меъёрҳои демократӣ баҳо дода шавад, инчунин роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии ин ниҳод низ пешниҳод гарданд. Ба ибораи дигар, таҳқиқи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ имкони фаҳмиши амиқтари механизмҳои фаъолияти ҳокимият дар минтақа, арзёбии мутобиқаташон бо принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва таҳияи тавсияҳо барои муътадилии навъҳои идоракуниро фароҳам меорад. Ин мавзуъ на танҳо барои ҳуқуқшиносии минтақавӣ, балки барои ҳуқуқшиносии ҷаҳонӣ низ муҳим аст, зеро он ба рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ дар шароити давлатҳои пасошуравӣ мусоидат менамояд.

Навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ ва назариявии таҳқиқ дар он ифода ёфтааст, ки барои такмили низомҳои конститутсионӣ, интихоботи президентӣ ва моделҳои идоракунии давлат дар минтақа тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили илмии ҳамаҷонибаи масъалаҳои мавриди омӯзиш бо истифода аз усулҳои муносиб ва муосири илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, омӯзиши манбаъҳои илмии соҳа, таҳияи консепсияҳои муаллифӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо доир ба ниҳоди сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, инчунин дар тавсияҳои амалии пешниҳодгардида оид ба такмил ва рушди ин ниҳод дар кишварҳои минтақа ифода меёбад.

Муҳим он аст, ки таҳқиқот бо роҳи иштирок дар конфронсҳои сатҳҳои гуногун, васеъ татбиқ гардидааст. Дар маҷмуъ, сохтор ва мазмуни автореферати диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқ буда, хулосаҳои муаллиф шаҳодат медиҳанд, ки кор бисёрҷанбаи анҷомдода буда, натиҷаи мутамаркази ҳалли масъалаи илмӣ-назариявӣ мебошад.

Дастоварди муҳими муаллиф он аст, ки таҳия ва асосноккунии консепсияи муаллифии муносибати низомнокӣ ба омӯзиши ниҳоди сарвари давлат дар Осиёи Марказӣ, ки сатҳҳои таҳлили таърихию ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва функсионалиро дар бар мегирад, инчунин истифодаи усули қиёсӣ-ҳуқуқиро фаро мегирад. Бори аввал дар адабиёти илмӣ минтақа ҳамчун объекти мустақили таҳқиқ бо хусусиятҳои махсуси сиёсӣ ва ҳуқуқии дохилӣ баррасӣ шудааст.

Ҳамчунин, гирдоварӣ ва арзёбии қонунгузории амалкунандаи конститутсионии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар бахши мақом ва ваколатҳои сарвари давлат анҷом дода шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқ, хусусиятҳои умумӣ ва фарқияти навъҳои президентӣ, инчунин тамоюлҳои рушди ҳуқуқӣ муайян гардида, муаллиф бори аввал танзими ҳуқуқии функсияҳои Президентро аз рӯйи навъҳои идоракунии давлатӣ ба таври мукаммал таҳлил намудааст.

Диссертатсияе, ки дар автореферат пешниҳод шудааст, бо таҷрибаи васеи татбиқӣ тавсиф мегардад. Давомнокӣ ва тарзи ташкилёбии он, усулҳои кории истифодашуда, такя ба таҷрибаи таърихӣ ва равандҳои сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ, ҳамчунин дастовардҳои низоми конститутсионии президентӣ дар минтақа, шубҳаеро дар эътимоднокӣ ва дақиқии натиҷаҳо ба ҷо намегузоранд.

Хулосаҳо ва умумбиниҳои муаллифӣ натиҷаи мантиқи ҷустуҷӯҳои назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Автореферат мазмуни асосии кори диссертатсионро инъикос мекунад. Маводҳое, ки аз ҷониби муаллиф нашр шудаанд, дар миқдори кофӣ пешниҳод гардидаанд ва имкон медиҳанд, ки таҳқиқот барои ҷомеаи васеи хонандагон шинохта шавад.

Ҳамзамон, дар автореферат як қатор ақидаҳо мавҷуданд, ки ба мушаххасгардонӣ ва таҳлили муфассалтар ниёз доранд. Аз ҷумла дар бахши тавсифи моделҳо барои ба даст овардани эътимоднокии хулосаҳо истинод ба нишондодҳои миқдорӣ ё меъёрҳои стандартии муқоисавӣ (масалан, дараҷаи таъсири Президент ба раванди қонунгузорӣ, тартиби таъсиси ҳукумат, ҳаҷми

вето, навъи масъулияти сиёсӣ) зикр нашудааст. Зикри маълумоти болозик барои пурзӯр намудани асоснокии назариявӣ ва баланд бардоштани дараҷаи таҳлили муқоисавии таҳқиқот мусоидат менамояд.

Эроди гузошташуда хусусияти тафсилӣ дорад ва ба арзёбии умумии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсир намерасонад.

Бар асоси автореферат метавон хулоса кард, ки диссертатсия таҳқиқоти комил, мустақилона иҷрошуда буда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он – Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ
ва молиявии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобозода Ҷ.Қ.

Имзои Бобозода Ҷ.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Тел.: (992) 231-08-43. E.mail: jamrod@mail.ru

15. 11. 2025.